***ТДУ 371.315.5***
***ТКБ 74.2***

# *АСОСҲОИ МЕТОДИИ ТЕХНОЛОГИЯИ АККРЕДИТАТСИЯИ ДАВЛАТИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ*

***Раҳмонов Шариф Мадиномович,*** *номзади илмҳои педагогика, декани факултаи физикаи Донишгоҳи давлатии педагогии Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ (Тоҷикистон, Душанбе)*

# *МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ АККРЕДИТАЦИОННОЙ ТЕХНОЛОГИИ В СРЕДНИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ*

***Рахмонов Шариф Мадиномович,*** *кандидат педагогических наук, декан факультета физики Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни (Таджикистан, Душанбе)*

# *METHODOLOGICAL GROUNDS OF STATE ACCREDITATION TECHNOLOGY AMONG SECONDARY VOCATIONAL SCHOOLS*

***Rahmonov Sharif Madinomovich,*** *candidate of pedagogical sciences, dean of Physics Faculty under the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni (Tajikistan, Dushanbe),* ***E-mail:*** *rahmonov_sharif64@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *аккредитатсия, аккредитатсияи давлатӣ, технологияи аккредитатсия, нишондиҳандаҳои аккредитатсия, асосҳои методологӣ, талабот, иҷозатнома, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ*

*Дар мақола дар бораи асосҳои методологии технологияҳои аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ сухан меравад. Муаллифи мақола бар асоси маводи фароҳамоварда иддао мекунад, ки аккредитатсия дар ҳама зинаҳои таҳсилот, алахусус дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ нақши муҳим дорад. Вай ҳамчунин таъкид мекунад, ки нишондиҳандаҳои аккредитатсия ҳолат, имконият ва натиҷаҳои фаъолияти таълимиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ арзёбӣ мекунанд.*

***Ключевые слова:*** *аккредитация, государственная аккредитация, технология аккредитации, показатели аккредитации, методологические основы, требования, разрешение, средние профессиональные учебные заведения и др.*

*В статье рассматриваются методологические основы технологии государственной аккредитации средних профессиональных образовательных учреждений. На основании материалов, представленных в статье, автор утверждает, что аккредитация играет большую роль на всех уровнях образования, в частности в средних профессиональных образовательных учреждениях. Также он подчеркивает, что показатели аккредитации отражают состояние, возможности и результаты образовательной деятельности в средних профессиональных образовательных учреждениях.*

***Key-words:*** *accreditation, state accreditation, accreditation technology, accreditation indicators, methodological grounds, requirements, resolution, secondary vocational establishments.*

*The article dwells on methodological ground of state accreditation technology of secondary vocational establishments. Designing on the premise of materials provided the author of article asserts that accreditation occupies a great role in all levels of education, in particular at secondary vocational establishments. As well as, the author lays an emphasis upon the idea that accreditation indicators evaluates condition, opportunity and the results of educational activities at secondary vocational schools.*

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ба соҳаи маориф таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, дар мулоқоту вохӯриҳояш бо аҳли маориф ҷиҳати ба сатҳи таҳсилоти ҷаҳонӣ мувофиқ намудани таҳсилоти кишвар таъкид менамояд.

Аз ҷумла, дар суханронӣ дар Маҷлиси ботантана бахшида ба рӯзи Истиқлоли давлатӣ -8- сентябри соли 1996 чунин қайд намудааст: ”Мо бояд тамоми низоми таълиму тарбияро дар мамлакат бо назардошти ниёзҳои Истиқлолияти давлат, самтҳои пешрафти ҷомеа, арзишҳои маънавию ахлоқии халқамон дар пайвастагӣ бо арзишҳои умумибашарӣ таҷдиди назар намоем” [3].

Чунин раванд, ки амалигардонии дастуру супроишҳои роҳбари давлатро дар самти низоми таълиму тарбия ба назардошти пешрафти ҷомеъа, арзишҳои маънавию ахлоқии шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва мувофиқ намудан ба арзишҳои умумибашарӣ шинохти дараҷаи таҳсилот ва ҳуҷҷатҳои намунаи давлатии хатми муассисаҳои таълимӣ (шаҳодатномаи хатми муассисаҳои

таҳсилоти асосӣ ва умумӣ, дипломи хатми муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва инчунин баъди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ) ба талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ мувофиқ намудан, ин аз аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳӣ гузаронидани муассисаҳои таълимӣ мебошад, ки амалигардонии он ба низоми таҳсилоти ҷаҳонӣ моро наздик намуда ҳуҷҷатҳои хатмкардагони муассисаҳои таълимии мо дар хориҷи кишвар ба инобат гирифта шуда (дар асоси баробарарзишӣ), мутахассисони болаёқат ва дорои маҳорату малакаи хуби касбии омоданамудаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ дар хориҷи кишвар фаъолият карда метавонанд.

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрии ба танзимдарорандаи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аккредитатсияи давлатии ин зинаи таҳсилотро мақомоти ҷумҳуриявии идоравии идоракунии таҳсилот мегузаронад.

Ҳангоми муқаррар намудани мақоми аккредитатсияи давлатӣ, барои таъмини талаботҳои ягонаи давлатӣ дар самти ташхиси аккредитатсия рӯйхати нишондиҳандаҳо бо қарори мушовараи мақоми акредитатсикунанда таҳия ва тасдиқ карда мешаванд [1].

Як қисми нишондиҳандаҳо ҳангоми муқаррар кардани навъи муассисаҳо, масалан: баҳодиҳии мундариҷа ва сифати омодасозии мутахассисон, таъминоти техникӣ ва иттилоотӣ раванди таълим истифода карда мешаванд. Ин нишондиҳандаҳо дар натиҷаи озмоиш, дар давраи аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ баҳогузорӣ карда мешаванд. Баҳодиҳии мутобиқати мундариҷа ва сифати омодасозии хатмкунандагон ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ ва сатҳи барномаҳои татбиқшавандаи ин зинаи таҳсилотро аккредитатсияи давлатӣ муайян менамояд.

Масъалаи муайян намудани мақом ва ё навъи муассисаҳои таълимӣ (коллеҷ ва ё техникум) бо татбиқи сатҳи гуногуни барномаҳои таҳсилот дар доираи як шахси ҳуқуқӣ марбут аст. Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки муассисаи таълимӣ барномаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва зинаи аввалини муассисаи таҳсилоти олиро татбиқкунанда, аккредитатсияро ҳамчун зиннаи аввали муассисаи таҳсилоти олӣ мегузарад, ба монанди коллеҷҳои сохтории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (Коллеҷи омӯзгори ба номи Хосият Қаҳҳороваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров ва дигар муассисаҳои таълимии сохтории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ).

Бояд қайд намуд, ки дар ҳолати муассисаи таълимӣ барномаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва ё баъзан барномаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро амалӣ намудан, муассиса ҳангоми гузаштани аз аккредитатсияи давлатӣ бо монеаи зиёд дучор мешавад, зеро таъмин кардани мутобиқати талабот ба муассисаҳои олии таълимӣ аз рӯи теъдоди омӯзгорони дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ, аз рӯи ҳаҷми татбиқии таҳқиқотҳои илмӣ ва дигар меъёрҳои аккредидтатсиноӣ мушкилотро дар чунин шакли муассисаҳо ба миён меорад. Ҳангоми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ барномаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро татбиқ намудан, мақоми муассиса аз рӯи сатҳи миёнаи касбии таҳсилот муайян карда мешавад. Аммо муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ мутобиқи муқаррароти типпӣ барномаҳои муштараки таҳсилоти ибтидоӣ ва таҳсилоти миёнаи касбӣ ва дар баъзе ҳолатҳои дигар бошад, барномаҳои алоҳидаи таҳсилоти миёнаи касбиро татбиқ намояд. Дар ин ҳолат, дар шароити тағйирёбии тамоми ҳуҷҷатҳои таъсисшаванда, муқаррар кардани навъи муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ё таҳсилоти миёнаи касбӣ дар асоси меъёрҳои муайянкунандаи мақоми муассиси таълимӣ монеа ба миён меоварад. Намудҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо тартиб ва муқаррароти намунавӣ (коллеҷҳо) дар низоми маорифи ҷумҳурӣ зуҳуроти нав мебошанд. Тафриқаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба донишгоҳҳо, академияҳо ва донишкадаҳо ҳанӯз аз давраи то истиқлолият ташаккул ёфта буд ва то ба ҳол боқӣ мондааст.

Литсейю гимназияҳо дар давраи собиқ шӯравӣ ба мактабҳои ягонаи меҳнатии умумитаълимӣ табдил ёфта буданд, вале дар ҳар сурат, дар таҳсилоти миллӣ анъанаҳои худро доранд. Ташкил намудани коллеҷҳоро дар системаи маорифи ҷумҳурӣ ҳамчун муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар қатори техникумҳо, ҳамчун таъсири тамоюлҳои инкишофи низомҳои ҷаҳонии таҳсилот баррасӣ кардан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки коллеҷ дар давлатҳои ғарб муассисаи таълимии баъди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, барномаҳои таҳсилоти олии касбиро амалӣ менамояд ва ҳамчун муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳисобида мешаванд. Коллеҷҳое, ки мӯҳлати таҳсилашон чор сол мебошанд, барномаҳои зинаи бакалавриро татбиқ карда, хатмкунандагони он дараҷаи таҳсилоти бакалаврро касб менамоянд.

Коллеҷ дар Иттиҳоди давлатҳои мустақил, аз ҷумла дар Тоҳикистон — муассисаи таҳсилоти академӣ не, балки муассисаи таҳсилоти касбӣ буда, барномаҳои таълимии омодасозии кадрҳои коргарии зинаи миёнаи касбии дорои дараҷаи ихтисоси(касбӣ) коргарии сатҳи баландро омода менамояд [2, с.67].

Муқоиса намудани коллеҷ бо техникум фарқияти онҳо аз ҳам нишон медиҳад, ки дар муқаррароти типпӣ шабеҳ буда, бинобар ин, талаботи давлатӣ ба намуди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, бо нишондиҳандаҳои аккредитатсияи давлатӣ ва бо ифодаҳои меъёрии онҳо, масалан бо миқдори барномаҳои аттестатсияшудаи сатҳи баланди омодасозии мутахассисони касбӣ, ҳайати сифатии кадрҳои омӯзгорон (маълумоти олӣ, дараҷаҳои ихтисос, дараҷа ё унвони илмӣ), комютеркунонии раванди таълим ва ба ҳаҷми фаъолияти таълимию методии ҳайати омӯзгорон муайян карда шудаанд.

Талаботу меъёрҳои дақиқ қабулгардида ва як хел татбиқшаванда, барои муайян намудани фарқи намуди муассисаҳои таълимӣ, барои он заруранд, ки беназоратӣ дар фаъолият ва таблиғоти муассисаҳои ғайридавлатӣ ва беасос ташкил ва қабул намудани қарор доир ба тағйир додани мақоми давлатии муассисаҳои ин шакл нисбатан кам карда шавад. Аз ин рӯ, ҷиҳати тағйир додани шакл, бояд аввал зарурияти таaйир додани мундариҷаи фаъолиятро ба инобат гирифтан зарур аст.

Методҳои гузарондани аккредитатсияи давлатӣ, инчунин рӯйхати нишондиҳандаҳо барои тамоми муассисаҳо ягона буда, новобаста аз мансубияти идоравӣ ва шаклҳои ташкилию ҳуқуқии онҳо, асос ёфтанд.

Нишондиҳандаҳои аккредитатсияи давлатӣ танҳо самтҳои асосии фаъолияти муассисаҳои таълимиро ба назар мегирад, ки бевосита ба сифати фаолияти раванди таълиму тарбия равона гардидаанд. Нишондиҳандаҳои баҳододашаванда дар натиҷаи таъсири идорӣ қобилияти тағйир ёфтан ва асосан, бояд на аз муҳити иҳотакарда, балки аз худи муассисаи таълимӣ вобаста бошанд. Рӯйхати нишондиҳандаҳо барои қабули қарори асоснок оид ба эътирофи муассисаҳо ва муқаррар намудани навъ намуд ва мақоми он бояд на кам аз 20 меъёр бошад [5].

Нишондиҳандаҳои аккредитатсияи давлатӣ шароит, раванд имконият ва натиҷаи фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро баҳогузорӣ менамояд. Ба талаботи асосӣ таъминоти техникӣ ва иттилоотӣ раванди таълим (фонди китобхона, мавҷудият ва истифодаи компютерҳо, проектор ва тахтаи электронӣ), ҳайати сифатии омӯзгорон ва заминаи моддию техникӣ мансубанд.

**Нишондиҳандаҳои раванди фаъолияти таълим**:- мундариҷа ва сохтори тайёр намудани мутахассисони касбӣ, татбиқи барномаҳои сатҳи асосӣ ва сатҳи баланди омодасозии мутахассисон, барномаҳои таҳсилоти иловагии касбӣ, низоми идоракунӣ ва назорати сифати таҳсилот, ҳаҷм ва самаранокии фаъолияти таълимию методиии ҳайати омӯзгорон, ҳаҷми корҳои таҷрибавию озмоишӣ ва корҳои тарбиявӣ бо донишҷӯён мебошанд.

**Нишондиҳандаи натиҷа:**-сифати мутахассисони омодакардашуда дар муассисаи таълимӣ, ки дар хоҷагии халқи ҷумҳурӣ фаъолият менамоянд ва талабот нисбат ба чунин мутахассисон дар бозори меҳнати дохил ва хориҷӣ кишвар мебошад.

Қисми зиёди нишондиҳандаҳои аккредитатсионӣ, ҳангоми санҷиши дохилӣ ва берунии фаъолияти муассисаи таълимӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Маълумоти оморӣро оид ба натиҷаҳои санҷиши худбаҳодиҳӣ ва озмоиши беруниро мутахассисони касбӣ (коршиносон) таҳлил ва натиҷагирӣ менамоянд, хулосаи аккредитатсияи давлатӣ аз рӯи натиҷаҳои санҷиш ҳангоми баҳодиҳӣ ҳамаи самтҳои муассисаи таълимӣ муайян карда мешаванд.

Ҳангоми муайян намудани нишондиҳандаи натиҷа омода намудани мутахассисон, мавҷудият ва мутобиқати нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимии ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ(СДТ) баҳогузорӣ карда мешаванд. Мутаассифона, ҳангоми фаъолияти муассисаҳои таълимӣ аз рӯи стандартҳои кӯҳнаи таҳсилот, инчунин татбиқи барномаҳои сатҳи баланди омодасозӣ ҳангоми аз рӯи онҳо мавҷуд набудани Стандарти давлатии таҳсилот низ мушоҳида мешавад.

Нишондиҳандаи сифати омода намудани мутахассисони касбӣ дар асоси натиҷаи таҳлилҳои аттестатсияҳои ҷамъбастии хатмкунандагон дар се соли охир, натиҷаҳои аттестатсияи дохлитаълимгоҳӣ (худбаҳодиҳӣ) доир карда аз рӯи ҳамаи фанҳои нақшаи таълимӣ ва меъёрҳои аттестатсионии ҳайати коллективи омӯзгорон баҳогузорӣ карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки меъёрҳои педагогӣ ҳангоми ташхис дар шакли пурсишҳои назоратии шифоҳӣ ё хаттӣ гузаронида шуда, аммо истифодаи маводи педагогии андозагиранда ва методикаи таҳлилу тафсири натиҷаҳо бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ самарабахштар мебошад.

Таъминоти иттилоотию методии раванди таълим аз рӯи мавҷудият, ҳаҷм ва вазъи фонди китобхона ва таъминоти иттилоотӣ, истифодаи тахтаи электронӣ ва намуди намоишии барномаҳои омӯзиши компютер, тренажерҳо ва ғ. баҳодиҳӣ карда мешаванд.

Барои нишондиҳандаи таъминоти моддию техникии раванди таълим, мавҷудият ва кофӣ будани биноҳои таълимию озмоишгоҳӣ ва таҷҳизоти ёрирасон, ҳуҷраҳои махсус, таҷҳизоти истеҳсолии дар раванди таълим истифодашаванда аҳамияти муҳим доранд. Дар бисёр мавридҳо, муассисаи таълимӣ ҳаҷми қабули ғайрибуҷетии донишҷӯёнро зиёд намуда, инчунин дар шакли таҳсили думоҳа ва ҳатто семоҳаи курсҳои кӯтоҳмуддати омода кардани касбҳои коргариро ташкил менамояд, ки дар ин ҳолат ба меъёрҳои беҳдоштии санитарӣ-эпидеомологии фаъолияти будубоши таълимгирандагон риоя наменамоянд. Ҳамзамон, дар ин ҳолат ба ҷойи меъёри муайянгардида ба як донишхе 5-6 метри квадратӣ ҳамагӣ 2-3 метри квадратӣ рост меояд, ки ин ҳам ҳангоми ташхиси аккредитасионӣ монеа эҷод менамояд [2].

Миқдори муайянгардидаи заминаи моддию техникӣ(таълимию озмоишгоҳӣ) барои як донишҷӯи гурӯҳҳои таълимӣ, ҳангоми додани иҷозатнома ба муассисаи таълимӣ дар асоси меъёрҳои муайянгардида тавсия дода шуда, ин барои муайян намудани теъдоди қабули донишҷӯён ба муассисаи таълимӣ меъёри асосӣ ҳисобида мешавад, ки ин на дар ҳамаи муассисаҳо дар солҳои охир ба инобат гирифта мешавад. Баъзан чунин мушоҳида мешавад, ки мақомоти иҷозатномадиҳии субъекти ҷумҳуриявӣ дар иҷозатнома ин меъёрҳоро нобаробар ё тамоман ба инобат нагирифта қайд наменамоянд. Аммо комиссияи аккредитатсионӣ ва аъзони ҷаласаи мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи мутобиқати ин нишондиҳандаҳо ба меъёри иҷозатномадиҳӣ ба инобат гирифта баррасӣ ва баҳогузорӣ менамояд. Нокифоягии аниқи таносуби ин меъёрҳо ба кам шудани мӯҳлати аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таълимӣ таъсир мерасонад.

Дар нишондиҳандаҳои аккредитатсионии низоми корҳои тарбиявии донишҷӯён дар муассисаи таълимӣ; шароити истиқомати донишҷӯён дар хобгоҳҳо, хизматрасонии онҳо, таъмини ғизо, машғулият ба варзиш ва корҳои ғайритаълимиро дар назар дошта шуда, ин нишондиҳанда, то айни ҳол танҳо хусусиятиииттилоотӣ дошта, аммо дар айни ҳол, мутобиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунадаи соҳа, ҳангоми аккредитатсияи давлатӣ ба инобат гирифта мешавад, ки ба ташаккули системаи кори тарбиявии ба мақсад равонашудаи донишҷӯён мусоидат хоҳад кард.

Солҳои охир, таҷрибаи мусбати муассисаҳои таълимӣ доир ба тарбия ва ташаккули шахсият ва шаҳрванд аз бисёр ҷиҳат фаромӯш шуда буданд. Ба воситаи талаботи аттестатсия ва аккредитатсия муҳиммияти функсияҳои таълимро ҳамчун раванди ба мақсад равонашудаи таълим ва тарбия муайян кардан мумкин аст. Ҷиҳати баҳо додан ба самаранокии кори тарбиявӣ низоми ченакҳо ва баҳодиҳии натиҷаи кори тарбиявӣ таҳқиқоти махсуси илмиро талаб мекунанд, ҳамзамон мавҷудияти шароитҳо ва далели амалигардонии функсияи тарбиявӣ дар муассисаи таълимӣ принсипиалӣ боқӣ мемонад.

Хулосаи комиссия бояд баҳои озмоиширо бо муайян кардани ифодаҳои меъёрӣ дар раванди корҳои тарбиявӣ дарҷ намоянд.

Асосан нишондиҳандаҳои меъёрӣ барои намуди муассисаҳои таълимиро баҳогузорӣ намудан дар асоси санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқии соҳа муайян карда мешаванд.

Нишондиҳандаи муҳимтарини муайянкунандаи фарқи коллеҷ ва техникумҳо, рӯйхати барномаҳои татбиқшавандаи таълимӣ ва сохтори омодасозии кадрҳо мебошад. Масалан, барои коллеҷ: мавҷудияти иҷозатнома, ҳиссаи муайяни гурӯҳи донишҷӯён ва далели аттестатсияи барномаҳои сатҳи баланди омодасозӣ кифоя аст. Барои он, ки барномаи сатҳи баланди омодасозӣ мутахассисон аз аккредитатсия гузаронида шавад, он бояд дар фаъолияти иҷозатномадиҳӣ ва хулоса доир ба аттестатсияи муассисаи таълим дарҷ гардида бошад.

Бе иҷозатома татбиқ кардани он мухолифи қонунгузории соҳа мебошад; агар он аз ташхиси аттестатсиянӣ нагузарад, ин шароит барои эътирофшавии ҳамчун коллеҷ мушкил ба миён меорад

Нишондиҳандаи иттилоърасонии муассисаҳои таълимӣ ба рӯйхати нишондиҳандаҳо аз соли 2003-ум барои низоми раванди муҷҷаҳазгардонӣ ва истифодаи техникаи муосири ҳисоббарор,

технологияҳои иттилоотӣ, имконияҳои интернет барои баланд бардоштани сифати омодасозии мутахассисон, ворид карда шудааст.

Омили муҳимтарини сифати омодасозии мутахассисон ва самаранокии тамоми фаъолияти таълимии муассисаҳои таълимӣ, ҳайати сифатии кадрҳои педагогӣ: таҳсилоти олӣ доштани омӯзгорон, дараҷаҳои ихтисос, дараҷа ва унвонҳои илмии онҳо, ҳиссаи омӯзгорони кормандони асосӣ ва мунтазам гузаштани такмили ихтисос мебошад.

Нишондиҳандаи фаъолияти таълимӣ ва таълимию методии коллективи омӯзгорони муассиса низ мушкилоти муайянеро ба миён меорад. Аммо ин талабот ғайритабиии ё қалбакӣ (бофта) нест, зеро навиштан ва нашр кардани дастурҳои таълимӣ ва тавсияҳо – шарти зарурии ба омӯзгор соҳиб гардидан ба дараҷаи ихтисос, навиштани мақолаҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ бошад, барои дарёфти дараҷа ва унвони илмӣ мебошад. Бар замми ин, фаъолияти таълимию методӣ барои сатҳи баланди омодасозии мутахассисон дар коллеҷҳо шарт ва зарур аст.

Ифодаҳои меъёриро аз рӯи нишондиҳандаҳои аккредитатсия, барои ҳар як гурӯҳ, дар асоси ҳисоботи оморӣ муқаррар кардан мумкин аст. Таҳқиқоти илмӣ доир ба коркарди технологияи аккредитатсияи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ аллакай муддати 24 сол гузаронида мешаванд. Дар ин муддат, маълумоти зиёди оморӣ ва таҳлилӣ ҷамъ оварда шуд, ки ба такмил додани рӯйхати нишондиҳандаҳои аккредитатсионӣ ва муқаррар кардани нишондиҳандаҳои меъёрии он дар асоси усулҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардида, имкон дод.

Ҳамин тавр, принсипи муҳимтарини идораи низоми таҳсилот мавҷудияти маълумоти кофӣ ва боэътимод доир ба вазъияти фаъолияти муассисаи таълимӣ мебошад.

Ҷамъоварии иттилоот ва азнавсозии ҳамасолаи он, имкон медиҳад ҳолат ва тамоюлҳои инкишофи низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ пайгирӣ ва талаботи ҳадди ақалли кофии дастраси аксарияти муассисаҳои давлатӣ муқаррар карда шавад. Меъёрҳои бо роҳи эмпирикӣ муқарраршуда, ба таври ҳассос ба ҳолати тамоми низоми таҳсилот, ҳамчун иттилооти ба низом дарварадашуда таъсир намуда наметавонад. Теъдоди меъёрии нишондиҳандаҳои аккредитатсия вобаста ба ҳолати низоми, комилан асоснок ҳам зиёд ва ҳам кам шуда метавонанд.

Барои гузаштани аккредитатсияи давлатии муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, ба он касб намудани мақоми аккредитатсионии объективӣ ва асоснок, ва инчунин технологияи иттилоотию таҳлилии натихаи қарори комиссияи аккредитатсионӣ дар ин самт такмил дода мешавад [2].

Иттилооти таҳлилӣ аз рӯи ҳар як нишондиҳанда дар шакли диаграммаҳо пешкаш карда мешавад, ки натиҷаҳои фаъолияти муассисаи таълимии алоҳида, масалан коллеҷҳоро дар заминаи тамоми коллеҷҳои Тоҷикистон ва коллеҷҳои соҳавиии мутобиқ нишон медиҳанд.

Қарор доир ба аккредитатсияи давлатӣ дар асоси маҷмӯи тамоми нишондиҳандаҳои муайян ва миқдорӣ қабул карда мешавад. Усули оморӣ математикӣ имкон медиҳанд, ки мувофиқати натиҷаҳои фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ба ифодаҳои меъёрии нишондиҳандаҳои аккредитатсионӣ баҳогузорӣ карда шуда, эҳтимолияти мансубияти муассисаҳо ба намуди муайян пешбинӣ карда шавад [5].

Хулоса, зарурати ҷамъоварии маълумоти пурра доир ба муассисаҳое таълимие, ки иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти таълимиро дар соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ доранд ва аз аттестатсияи давлатӣ ва аз ташхиси аккредитатсионӣ гузаштаанд ҳуқуқи гирифтани шаҳодатнома оид ба аккредитатсияи давлатиро бо маҷмӯи барномаҳои таълимӣ доранд, ки дар ин асос муассисаи таълимӣ ҳуқуқи ба хатмкунандагон додани дипломи намунаи давлатиро новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ пайдо менамоянд.

## ПАЙНАВИШТ:

1.Низомномаи аккредитасияи давлатии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2018)

2.Раҳмонов, Ш.М. Педагогические основы организации и проведения аттестации средних профессиональных образовательных учреждений в Республике Таджикистан. Диссертация на соискание ученой степени кандидата педагогических наук/Ш.М.Раҳмонов.-Душанбе, 2009.-184 с.

3.Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷлиси ботантана бахшида ба рӯзи Истиқлоляти давлатӣ, 8-сентябри соли 1996.

4.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»-Душанбе, 2013//https://majmilli.tj

5.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби гузаронидани аттестасия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 05.02.2003, №145

**REFERENCES:**

1. Regulations on State Accreditation of Primary and Secondary Vocational Institutions (Board enactment of the Ministry of Education and Science of Tajikistan Republic from 2018).
2.Rahmonov, Sh.M. Pedagogical Grounds of Organization and Carrying out of Attestation of Average Professional Educational Institutions in Tajikistan Republic: candidate dissertation in pedagogy / Sh.M.Rahmonov. - Dushanbe, 2009. - 184 p.
3. Speech of Tajikistan Republic President, Emomali Rahmon at the Solemn Meeting Dedicated to the State Independence Day, September 8, 1996.
4. Tajikistan Republic Law “On Education” - Dushanbe, 2013 // https: //majmilli.tj
5. Tajikistan Republic Government Enactment “On the Procedure for Certification, Accreditation and Licensing of Educational Institutions of Tajikistan Republic” from 05.02.2003, 45145.